# СУРАТМАҶЛИСИ № 41
## Маҷлиси шурои диссертатсионии 6D.КОА-079 назди Институти фалсафа ва сиёсатшиносӣ ба номи А.Баҳоваддинови АМИТ

**28 марти соли 2026** **ш.Душанбе**

**Иштирок доштанд:** аз 16 аъзои шурои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми октябри соли 2024, №364/шд тасдиқ шудааст, 13 нафар иштирок доранд (1 нафар дар реҷаи онлайн). Аъзои дигари шурои диссертатсионӣ бо сабабҳои узрнок дар маҷлис ҳузур надоранд. Аз се ду ҳиссаи аъзои шурои диссертатсионӣ дар маҷлис ҳузур доранд. Бинобар ин, шуро салоҳият дорад, ки ба кори худ оғоз намояд.

Пешниҳод шуд, ки маҷлиси шурои диссертатсионӣ кушода эълон карда шавад. Пешниҳоди дигар нест? Нест. Якдилона қабул шуд.

## РӮЗНОМАИ МАҶЛИС:

**1.Дар бораи ташкили комиссияи экспертии шурои диссертатсионӣ**

Раиси шурои диссертатсионӣ, доктори илмҳои сиёсӣ Қувватзода Сайдулло Зувайд дар бораи ба Шурои диссертатсионӣ пешниҳод шудани диссертатсияи Маҳмадова Фарзона Абдураҳмоновна дар мавзуи «Музокироти сиёсӣ ва хусусиятҳои бевоситаи он дар ҳалли низоҳои минтақавӣ » (таҷрибаи кишварҳои Осиёи Марказӣ) барои дарёфти дараҷаи илмии номзадии илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 5.6.4. (Проблемаҳои сиёсии муносибатҳои байналмилалӣ, инкишофи глобалӣ ва минтақавӣ) баромад намуд ва аъзои Шуроро бо ҳуҷҷатҳои парвандаи аттестатсионии довталаб шинос намуд.

Раиси шурои диссертатсионӣ пешниҳод намуд, ки барои экспертизаи диссертатсия комиссияи экспертӣ дар ҳайати зерин ташкил карда шавад: доктори илмҳои сиёсӣ Шарифзода Лоҳутӣ Шариф (раис), доктори илмҳои сотсиология Шоисматуллоев Шоназар (аъзо) ва доктори илмҳои фалсафа Назар Мумин Абдуҷалол (аъзо).

**Қарор қабул карда шуд:**

1.Комиссияи экспертӣ оид ба диссертатсияи Маҳмадова Фарзона Абдураҳмоновна дар мавзуи «Музокироти сиёсӣ ва хусусиятҳои бевоситаи он дар ҳалли низоҳои минтақавӣ » (таҷрибаи кишварҳои Осиёи Марказӣ) барои дарёфти дараҷаи илмии номзадии илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 5.6.4. (Проблемаҳои сиёсии муносибатҳои байналмилалӣ, инкишофи глобалӣ ва минтақавӣ) таъин карда шавад.

2.Ба ҳайати комиссияи экспертӣ дохил карда шаванд:
- доктори илмҳои сиёсӣ Шарифзода Лоҳутӣ Шариф;
- доктори илмҳои сотсиология Шоисматуллоев Шоназар;
- доктори илмҳои фалсафа Назар Мумин Абдуҷалол.

**Қарор бо овоздиҳии кушод якдилона қабул карда шуд.**

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои сиёсӣ ____________/ Қувватзода С.З.

Котиби илмии
шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои сиёсӣ ____________ Сангинов Н.Н.

ИНСТИТУТИ ФАЛСАФА ВА СИЁСАТШИНОСИИ БА НОМИ А.БАҲОВАДДИНОВИ АМИТ
НОЗИРИ КАДРҲО